Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-062
дар пойгоҳи Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj)

## ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.***

Мавҷудияти инфрасохтори пешрафтаи инноватсионӣ дар рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тадбирҳо оид ба ташаккул ва такмили фаъолияти инноватсионро дар мактабҳои олӣ арзёбӣ менамояд. Ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбини гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.

Мундариҷаи автореферати рисолаи диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаҳои муҳими мавзуи таҳқиқот бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии интихобшуда, объект, мавзуъ, навгонии илмӣ ва дигар талаботҳои таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гадида, мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифоданамудаи Сафаров З.А. собит менамояд, ки мавзуи таҳқиқотӣ барои иқтисодиёти инноватсионии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ мегардад, масъалаи нисбатан кам таҳқиқ гардида мебошад.

Дар автореферати диссертатсия паҳлӯҳо ва нуктаҳои ҷолиби аҳамияти илмидошта мушоҳида мегардад, аз ҷумла, нуктаи назари муаллиф оид моҳияти инноватсия ва иқтидори инноватсионӣ, мушаххассозии ҷузъи захираҳои иқтидори инноватсионӣ, таҳияи арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори инноватсионии МТОК дар асоси ҷузъҳои захиравии он, асоснокии механизми самараноки татбиқи моликияти зеҳнӣ дар се шакли ҷалби он ба иқтисодиёт, пешниҳод ва умумикунонии модели намунавии ташкили инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК, коркарди тадбирҳои инкишоф додани шаклу усулҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК.

Диссертант зимни таҳлилҳо муайян кардааст, ки таҳлили иҷрои барномаҳои самти инноватсия нишон доданд, ки тайи даҳсолаи охир (2011-2021) ҳаҷми хароҷоҳо ба соҳаи илм вобаста ба ҳаҷми ММД дар ҷумҳурӣ на он қадар афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (0,1% ММД) кифоя набуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба Ҷумҳурии Муғулистон 4,2 маротиба ва Федератсияи Руссия 12 маротиба кам кам мебошад (саҳ.21).

Ғайр аз натиҷаҳои муфиди аҳамияти илмию амалидошта, автореферати диссертатсия чунин норасогиҳо дорад:

1. Диссертант дар саҳифаи 15- ҷадвали 2 - ҳиссаи таъсири омилҳо ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-ро муайян кардааст, аммо маълум нест, ки бо кадом методҳои илмӣ таъсири омилҳоро муайян кардааст;
2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Дар маҷмуъ, норасогиҳои ошкоршуда, сифати аслии кори таҳқиқотии анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии таҳқиқотии мустақиман анҷом дода шуда буда, ба бандҳои марбутаи соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат менамояд. Муаллифи он Сафаров Зулфиқор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.и., дотсент Ғафорзода Ҷ.

E-mail: karaeva.j@mail.ru
Тел: +992 93-101-86-86

Имзои мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
ДДОТ ба номи Садриддин Айни Ғафорзода Ҷонона-ро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.